

Чумхурии Точикистон ва Аморoти Муттахидаи Араб хамкории  гумрукиро ба рох монда, таквият мебахшанд. Дар ин росто, палатаи поёнии Парлумони Точикистон «Созишномаи байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Аморoти Муттахидаи Араб оид ба хамкорӣ ва ёрии байнихамдигарӣ дар фаъолияти гумрукӣ»-ро тасдик намуд. Санади мазкур, ки мохи декабри соли 2017 дар шахри Абу-Дабӣ ба имзо расонида буд, аз чониби Президенти  Чумхурии Точикистон  Эмомали Рахмон барои тасдик ба Парлумони мамлакат пешниход гардид.

Созишномаро дар Парлумони чумхурӣ Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон Хуршед Каримзода ва Раиси Кумитаи Мачлиси намояндагон оид ба иктисод ва молия Шариф Рахимзода тавзех доданд. Зикр шуд, ки хадафи созишнома тахкими хамкории дучониба, таъмини бахисобгирии амик ва ситонидани бочхои гумрукӣ, андозхо ва дигар пардохт-хою хирочхо хангоми воридоту содироти молхо, баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ, пешгирии гардиши воситахои нашъадор, моддахои психотропӣ ва прекурсорхои онхо мебошад. Инчунин самти дигари санади мазкур хамзамон ба мубодилаи иттилоот, табодули тачриба байни макомоти гумруки ду давлат ва тахкику пешгирии конуншиканихои гумрукӣ равона гардидааст.

**ДУШАНБЕ, 30.04.2018 /АМИТ «Ховар»/.**